# ТАҚРИЗ

ба автореферати Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ” дар он зоҳир мегардад, ки он дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ бо дониши муосири илмӣ мусоидат мекунад. Дар таҳқиқот консепсияҳои асосии марбут ба рушди потенсиали эҷодӣ дақиқ карда шуда, шароитҳои нави ташкилӣ ва педагогӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба ташаккули самараноки малакаҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳқиқот ба рушди соҳаи таълимӣ саҳм гузошта, онро бо донишҳои нав ва фаҳмиши равандҳои ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ғанӣ мегардонад. Ғайр аз ин, онҳо метавонанд ҳамчун асоси муҳим барои таҳқиқоти оянда дар ин самт ё барои омӯзиши масъалаҳои мушаххаси марбут ба мавзуъ истифода шаванд.

Дар ин робита аз ҷониби муҳаққиқ корҳои зерин анҷом дода шудааст:

- бори аввал консепсияи чандирии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ пешниҳод шудааст, ки имконияти мутобиқ кардани раванди таълимро ба тағйирёбии манфиатҳо ва талаботи хонандагон фароҳам меорад ва ба ин васила равиши эҷодиро дар омӯзиш дастгирӣ намуда, шароитҳои рушди ҳамаҷонибаи онҳо таъмин карда мешавад;

- усулҳои инноватсионии таълим, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва ташкили фазои мусоиди таълимӣ ҳамчун муҳияти ягонаи ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон таҳлил карда шудааст.

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи Раҳимӣ Комил аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар он такя мекунад, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

1. Муқаррар карда шуд, ки яке аз роҳҳои самаранок ташхис намудани салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакону наврасон ин баргузор намудани озмуну мусобиқаҳои гуногуни илмиву эҷодӣ, фаннӣ, варзишӣ ва ҳунарӣ ба ҳисоб меравад.

2. Муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд, ки шароитҳои калидӣ барои ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ аз муҳити ҳавасмандкунандаи таълимӣ, инфиродикунонии раванди таълим, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва воситаҳои рақамӣ, инчунин ҳамкории фаъол дар гурӯҳҳо иборатанд.

3. Муайян карда шуд, ки ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ дар шароити кори дастаҷамъона, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳои хурд ҳамкорӣ мекунанд ва ташаббус ва худмустақилии шахсӣ дастгирӣ меёбанд, самараноктар сурат мегирад.

4. Усулҳо ва шаклҳои нави кор бо хонандагон таҳия ва санҷида шуданд, ки эҷоди вазъиятҳое, ки ҳалли масъалаҳои ғайристандартиро дар машғулиятҳои иловагӣ ва баргузории чорабиниҳои фарҳангиву бадеӣ талаб мекунад.

5. Муайян шуд, ки сифати касбӣ ва шахсии омӯзгор, аз ҷумла омодагии ӯ ба навовариҳо, дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ ва малакаи ташкил кардани муҳити эҷодӣ, омилҳои калидӣ дар рушди муваффақонаи эҷодкории хонандагон мебошанд.

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, дар ҷараёни кор методҳои санҷидашуда, аз қабили мушоҳидаи педагогӣ, пурсишнома ва таҷриба истифода шуданд, ки ба даст овардани натиҷаҳои объективӣ ва боэътимод мусоидат намуданд. Намунаи хонандагон

ва омӯзгорон, ки дар таҳқиқот иштирок доштанд, репрезентативӣ буд ва истифодаи дурусти усулҳои таҳлили омории маълумот ба баланд шудани дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо мусоидат намудааст. Илова бар ин, натиҷаҳо бо мавқеъҳои назариявие, ки дар илми педагогикаи муосир тасдиқ шудаанд, муқоиса гардида, асоснокии маълумоти бадастомадаро тақвият бахшиданд.

Инчунин довталаб Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст. Масалан аз ҷониби муаллиф модели самараноки таълимиву тарбиявӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар натиҷаи гузаронидани корҳои илмиву таҳқиқотии зиёд коркард, таҳия ва аз озмоиши педагогӣ бомуваффақият гузаронида шудааст. Қисмати таҷрибавии таҳқиқот ташкил ва гузаронида шуда, натиҷаҳои он имкон доданд, ки динамикаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон ошкор гардад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот мавриди таҳлил қарор гирифта, дар асоси онҳо хулоса ва тавсияҳо таҳия шуданд, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорон дар рушди салоҳиятҳои эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нигаронида шудаанд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст. Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд.

Автореферат тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои зарурӣ баровarda шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ ҷой доранд, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки камбудиҳои дар боло ироашуда, арзиши илмиву амалии диссертатсияро кам намегардонанд.

Диссертатсияи Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шуда, кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад ва рисолаи илмиро кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Кори таҳқиқотии кори таҳқикотии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ” ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ,
Директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимӣ-методии назди
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Шавкат

02.12.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи А.Дониш 50. Тел.(+992) 93 8039392; E-mail: tmetodi@maorif.tj

*Имзои Каримзода Шавкатро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳои МҶТМ* *М. Шарипова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ